# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи мазкур ба баррасии яке аз мавзӯҳои муҳими назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ба таҳлили ҳамаҷонибаи инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ равона гардидааст. Унвонҷӯ зимни таҳияи тадқиқоти диссертатсионӣ бо риояи усули таҳлили амиқ ва услуби хос мавзӯро баррасӣ карда, рисоларо дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ омода намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот, муаллиф ба пешниҳоди як силсила тавсияҳо ва хулосаҳои илмӣ такя намуда, онҳоро дар заминаи таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бо истинод ба таҷрибаи таҳқиқи таърихию назариявӣ ва воқеияти кишвар таҳия кардааст. Хосияти хоси таҳқиқоти диссертатсиониро истифодаи васеи манбаъҳои илмии таърихӣ, қонунгузории соҳавӣ, манбаъҳои бойгонӣ, адабиёти ҳуқуқию фалсафӣ ва таърихии муҳаққиқони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки заминаи назариявии боэътимодро барои таҳқиқ фароҳам овардааст.

Илова бар ин, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии дастовардҳо ва манбаҳои таърихии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ барои ба роҳ мондан ва густариш бахшидани муносибатҳои муосири ҳуқуқию давлатӣ ниҳоят манфиатовар ва зарур шуморида мешаванд.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзӯи мазкур ба унвонҷӯ имкон додааст, ки дар заминаи омӯзиш ва муқоисаи низомҳои ҳуқуқии таърихии халқи тоҷик,

таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ду давраи муҳими рушди Тоҷикистон - замони мавҷудияти давлати шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол, дастовардҳои илмҳои таъриху фалсафа ва сиёсату ҳуқуқ хулосаҳои муътамад ва тавсияҳои амалии муфид пешниҳод намояд, ки дорои аҳаммияти назаррас барои рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ ва самараноктар намудани муносибатҳои оилавӣ дар Тоҷикистони муосир буда метавонанд.

Файззода Моҳинав Раҷаб соли 1996 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2002 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Ӯ аз соли соли 2003 то соли 2006 сармуттахасиси шуъбаи умумии Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 2011 то соли 2017 омӯзгори фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон дар Литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати шаҳри Душанбе, аз соли 2017 ба ҳайси танзимгар ва аз соли 2021 то ин ҷониб ба ҳайси мушовири академии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, номгӯи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти довталаб иборат мебошад.

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ мубрамии мавзуи мазкур асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзӯи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки «Мафҳум ва моҳияти институти никоҳ дар низоми ҳуқуқии шуравӣ» ном дорад, дарбаргирандаи таҳлили мукаммали асосҳои назариявӣ-методологӣ ва таърихии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ, анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ, инкишофи қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ, таҳаввули вазъи ҳуқуқии бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар давраи шуравӣ мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар асоси омӯзиши маводи зиёди назариявию таърихӣ, адабиёти фалсафию ҳуқуқӣ, урфу одати маҳал ва минтақа, қонунгузории замони шуравиро баррасӣ намудааст. Ӯ кӯшиш кардааст, то махсусияти низоми ҳуқуқи шуравиро дар маҷмӯъ ва махсусияти ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи оилавӣ ва қонунгузории замони шуравӣ таҳқиқ ва ошкор намояд.

Унвонҷӯ зимни таҳқиқот маълум намудааст, ки дар ҳуқуқи шуравӣ нисбат ба замони муосир оид ба мафҳуми никоҳ назарияҳои зиёду мухталиф пешниҳод шудааст. Дар ҳуқуқи шуравӣ ва умуман дар илми ҳуқуқшиносии шуравӣ оид ба фаҳмиши никоҳ чунин назарияҳо мавҷуд буданд, ки онҳо ифодагари назарияи патриархалии никоҳ, назарияи шартномавии никоҳ, назарияи сотсиалистии никоҳ, фаҳмиши никоҳ ҳамчун факти ҳуқуқӣ, назарияи фаҳмиши никоҳ ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ ва ғайра буданд.

Таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши анъанаҳои таърихию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ, инкишофи қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ, таҳаввули вазъи ҳуқуқии бастан ва бекор кардани акди никоҳ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ дода шудааст.

Дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба таҳқиқи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол» бахшида шудааст, фарогири масъалаҳои марбут ба ташаккул ва инкишофи қонунгузории оила дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, инкишофи мафҳум, моҳият, таъйиноти иҷтимоӣ ва нақши никоҳ дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ, инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои акди никоҳ, сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи никоҳ мебошад.

Дар доираи таҳқиқи масъалаи мазкур ҷабҳаҳои гуногуни мавзӯи баррасишаванда дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, махсусияти инкишофи низоми ҳуқуқи миллӣ ва қонунгузории миллӣ, механизмҳо ва роҳҳои ташаккулёбии муносибатҳои оилавӣ дар асоси сиёсати давлат дар ин самт баррасӣ шудаанд.

Қайд мегардад, ки новобаста аз коҳиш ёфтани арзишҳои оилавӣ нақши он дар ҳаёти шахсию ҷамъиятӣ ва давлатӣ ҳоло ҳам баланд ва пураҳаммият боқӣ мемонад. Институти никоҳ дар марҳалаи ҳозираи инкишофи худ давраи душвори гузаришро аз модели анъанавӣ ба модели нисбатан озод ва соддатар аз сар мегузаронад.

Муаллиф қайд менамояд, ки сиёсати давлатии оила низоми фаъолияти давлат мебошад, ки ба оила ҳамчун институти иҷтимоӣ бо мақсади таҳким, рушд, соҳибихтиёрӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои оила дар асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳо бо давлат нигаронида шудааст. Ин низоми ягонаи принсипҳо, арзёбӣ ва тадбирҳои хусусияти ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ, иттилоотӣ, таблиғотӣ ва кадрӣ мебошад, ки ба беҳтар кардани шароит ва сифати зиндагии оила равона гардидааст. Сиёсати давлатии оила самти мустақили сиёсати иҷтимоӣ мебошад, ки танҳо масъалаҳои мушаххаси оилавиро ҳал намуда, оила ва давлатро ба зинаи нави муносибатҳо мебарорад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашгардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институтути никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, барои муҳокима ва ҳимояи минбаъда ба шурои дахлдори диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешнҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азиззода У.А.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 9078112885, Почтаи электронӣ: ubaydullo_azizov@inbox.ru

**Имзои У.А. Азиззодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«08» 05 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj